Марг ба шакли қучқори сиёҳ-сафед

Аз Абусъаиди Худрӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки гуфт: Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: " Марг ба шакли қучқори сиёҳ-сафед оварда мешавад ва садо карда мешавад: эй биҳиштиён! Биҳиштиён сарҳои худро баланд карда гӯш фаро медиҳанд ва нидокунанда мегӯяд: оё инро мешиносед? Биҳиштиён, ки ҳама онро дидаанд ва мешиносанд мегӯянд бале ин марг аст. Сипас ба тарафи дузахиён садо карда мешавад ва дузахиён сарҳои худро баланд карда ба сӯи нидокунанда нигоҳ мекунанд ва ба онҳо гуфта мешавад: оё инро мешиносед? Дузахиён низ, ки онро дидаанд ва мешиносанд, мегӯянд: оре, ин марг аст. Сипас он кушта мешавад ва ба биҳиштиён гуфта мешавад, ки инҷо барои шумо ҷовидонӣ аст ва дигар марг барои шумо нест. Ҳамин гуна ба аҳли дӯзах гуфта мешавад, ки инҷо ҷовидонӣ аст ва дигар марг вуҷӯд надорад. Сипас Паёмбари Худо ин ду оятро хонд: (Битарсон (эй Паёмбар) одамонро аз рӯзи пушаймонӣ, ки чун кор ба поён расад. (аҳли дунё дар ғафлатанд) ва имрӯз онон дар дунё дар ғафлатанд ва онҳо аз ин сабаб имон намеоранд. (Марям: 39)"

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) баён мекунад, ки рӯзи қиёмат марг ба шакли як гӯсфанди нари сиёҳ-сафед оварда мешавад, ва гуфта мешавад, ки: эй аҳли биҳишт! Биҳиштиён сарҳои худро баланд карда нигоҳ мекунанд ва ба онҳо гуфта мешавад: Оё инро мешиносед? Биҳиштиён мегӯянд: оре ин марг аст ва ҳамагон, ки онро дидаанд, мешиносанд. Сипас он садокунанда боз садо мезанад, ки эй дузахиён! Онон низ сарҳои худро боло карда менигаранд, ва ба онҳо гуфта мешавад: оё инро мешиносед? Мегӯянд: оре, ин марг аст ва ҳамагон, ки онро дидаанд мешиносанд. Сипас он кушта мешавад ва нидокунанда мегӯяд: эй аҳли биҳишт! Барои шумо инҷо ҷовидонист ва дигар марг вуҷӯд надорад. Ва эй аҳли дӯзах! Инҷо барои шумо ҷовидонист ва дигар марг вуҷӯд надорад. Ин барои афзунӣ бар неъмат ва саодати биҳиштиён ва азоби бештар барои кофирон аст. Сипас Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) ин оятро хонданд: (Битарсон (эй Паёмбар) одамонро аз рӯзи пушаймонӣ, ки чун кор ба поён расад. Ва имрӯз онон дар дунё дар ғафлатанд ва онҳо аз ин сабаб имон намеоранд (Марям: 39)). Рӯзи қиёмат миёни аҳли биҳишт ва дӯзахиён фосила эҷод мешавад ва ҳар кас ба ҷои абадӣ ва ҷовидонии худ меравад. Дар он рӯз гунаҳкор ҳасрат аз он мехурад, ки чаро амали нек анҷом надодааст ва касе, ки амали кам анҷом додааст пушаймон аз он аст, ки чаро дар амалҳои некаш наафзудааст.